# ТАДҚИҚОТИ САТҲИ ЗИНДАГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН, С. 2007.

## РОҲНАМО ОИД БА ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШИ ИНФИРОДӢ

2007

## МУНДАРИҶА

1. Муқаддима.........................................................................................................................1

2.Тавсифи тадқиқот ............................................................... **Error! Bookmark not defined.**

(а) Мавзӯъҳо .................................................................... **Error! Bookmark not defined.**

(б) Сабабҳои гузаронидани тадқиқот ........................................ **Error! Bookmark not defined.**

3. Ташкили тадқиқот............................................................... **Error! Bookmark not defined.**

4. Ҷудо карда гирифтани мусоҳибон ........................................... **Error! Bookmark not defined.**

(а) Киро ба рӯйхат дохил кардан лозим аст ........................... **Error! Bookmark not defined.**

(б) Киро ба рӯйхат дохил кардан лозим нест......................... **Error! Bookmark not defined.**

(в) Қоидаҳои фарогирӣ ............................................................ **Error! Bookmark not defined.**

(г) Марҳилаҳои муваққатии истинод........................................ **Error! Bookmark not defined.**

(д) Навишта гирифтани маълумот дар бораи маблағ................. **Error! Bookmark not defined.**

5. Пур кардани саволнома.......................................................... **Error! Bookmark not defined.**

(а) Андозагирии (форматирование) саволнома .......................... **Error! Bookmark not defined.**

(б) Пур кардани саволнома..........................................................................................11

(в) Алоқа бо мусоҳибон ...............................................................................................13

(г) Модулҳои инфиродӣ................................................................................................16

Саҳифаи унвон: Маълумоти анкетии аъзоёни хоҷагиҳо ва пурсанда...........................16

Модули 1: Рӯйхати аъзоёни хоҷагӣ ...............................................................................17

Модул 3: Маориф ..........................................................................................................29

Модули 4: Тандурустӣ....................................................................................................32

Модули 5. Бозори меҳнат ..............................................................................................35

Модули 6. Хизматрасонии молиявӣ...............................................................................45

Модули 7. Манзил, хизматрасонии коммунали ва молҳои истифодаашон дарозмуддат...46

Модули 8. Интиқоли пул ва кӯмаки иҷтимоӣ .................................................................48

Модули 9. Камбизоатии зеҳнӣ (субъективӣ) ва амнияти озуқавӣ. **Error! Bookmark not defined.**

Модули10. Хароҷот барои хӯрокворӣ дар 7 рӯзи охир...................................................54

Модули 11. Молҳои ғайриозуқавӣ ..................................................................................56

Модули 12. Кишоварзӣ ..................................................................................................57

Модули 13. Бизнеси оилавӣ ва фаъолияти инфиродӣ ...................................................61

Модули 14. Даромадҳои дигар.......................................................................................64

Модуль15. Маълумоти антропометрӣ ............................................................................65

6. Пур кардани саволнома барои занон ..............................................................................66

7. Замимаҳо.........................................................................................................................69

(а) Рамзҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо/кишлоқҳо ...........................................................................69

(б) Дастуруламалҳо оид ба андозаҳои антропометрӣ .......................................................71

(в) Омода кардани тарозӯҳои электронии UNICEF барои кор: .........................................72

Тоза кардани тарозуҳо

Нигоҳдории тарозуҳо........................................................................................................72

Вазни зарфи холӣ:бандҳои муҳим......................................................................................74

# 1. МУҚАДДИМА

Шумо ба сифати яке аз иштирокчиёни гузаронидани **тадқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистн дар соли 2007-ӯм** интихоб шудаед. (ТСЗТ). Меҳвари асосии ин тадқиқот-маҳз сатҳи некӯаҳволии тоҷикистониён (чӣ ашхоси алоҳида ва чӣ дар сатҳи ҷамоатҳо) барои ҳамаи мо муҳим мебошад. Маълумоте, ки дар рафти тадқиқот ба даст оварда мешаванд, бо мақсади муайян кардани саҳми мутаносибонаи онҳое, ки талаботи ҳадди ақалли худро барои ба сатҳи зарурии зиндагӣ ноил шудан таъмин карда наметавонанд ва қашшоқона зиндагӣ мекунанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ғайр аз ин, тадқиқоти мазкур ин масъаларо, ки чаро баъзе хо□агиҳо дар чунин сатҳи зиндаг□ қарор доранд ва барои к□мак кардан ба онҳое, ки қашшоқона зиндаг□ мекунанд ч□ чора андешидан лозим аст, ки аз ин вазъият раҳо ёбанд, дида мебарояд. Маълумоти дар доираи ин тадқиқот бадастомада дар як қатор тадқиқоти дигар, ки дар баробари дигар масъалаҳо , аз □умла масъалаҳои шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, сатҳи ғизохӯрӣ, кишоварзиро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, истифода гардида, инчунин барои фаҳмидани ин, ки хоҷагиҳо чӣ гуна ба тағйироти соҳаи макроиқтисодӣ вокуниш нишон медиҳанд, мусоидат хоҳанд кард. Чӣ тавре ки Шумо баъдтар мефаҳмед, маълумоти дар доираи ин тадқиқот бадастомада хеле васеъ мебошанд, зеро як қатор ҷанбаҳои тавсифоти инфиродӣ ва хоҷагиро баррасӣ мекунанд.

Омӯзиши хо□агиҳо дар доираи ин тадқиқот пан□ ҳафта давом мекунад. Ҳар як пурсанда барои гузаронидани пурсиши тақрибан 54 хо□аг□ ҷавобгар хоҳад шуд.

Махсусан таъкид кардан лозим аст, ки ҳамаи маълумоти дар доираи тадқиқоти мазкур бадастомада махфӣ буда, бояд ошкор нашаванд.

# 2. ТАВСИФИ ТАДҚИҚОТ

## (а) Мавзӯъҳо

Мавзӯи тадқиқот бениҳоят васеъ мебошад, зеро мафҳуми некӯаҳволӣ дорои ҷанбаҳои зиёд буда, омӯхтани онҳо зарур аст. Ин мавзӯъ даромаду хароҷот, амволи

қиматбаҳо, маориф,тандурустӣ ва шуғли аҳолиро фаро мегирад. Ба ғайр аз ин, ҳар як □анбаи нек□аҳволии хо□аг□ ва модели рафтор бояд на дар алоҳидаг□, балки танҳо зимни матни комил дида баромада шавад.

Тадқиқоти хо□агиҳо аз 16 модули робитаи дутарафадошта иборат аст, ки инҳоро дар бар мегирад:

| | Номи модул |
|---|---|
| 0 | Саволҳои умумӣ |
| 1 | Ҳайати хо□агиҳо |
| 2 | Муҳо□рат |
| 3 | Маориф |
| 4 | Тандурустӣ |
| 5 | Бозори меҳнат |
| 6 | Хизматрасонии молиявӣ |
| 7 | Шароити хонаву □ой, қувваи барқ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат |
| 8 | Интиқоли пул ва кӯмаки иҷтимоӣ |
| 9 | Камбизоатии зеҳнӣ (субъективӣ) ва амнияти озуқавӣ |
| 10 | Харо□от барои х□рок |
| 11 | Харо□от барои маҳсулоти х□роквор□ |
| 12 | Кишоварзӣ |
| 13 | Бизнеси оилавӣ, ки бо кишоварзӣ вобаста нест |
| 14 | Дигар харо□от |
| 15 | Андозаҳои антропометрӣ ва имунизатсия |

Минбаъд дар ин Роҳнамо ҳар як модули саволнома алоҳида ва боз ҳам муфассалтар дида баромада мешавад. Ин кор барои он ан□ом дода мешавад, ки Шумо бо маълумоти асос□ дар бораи мақсади ҳар як савол ва усулҳои бартараф кардани мушкилот, ки метавонанд дар рафти саволдиҳии бевосита ба мусоҳибон пайдо шаванд, таъмин карда шавед .

## (b) Сабабҳои гузаронидани тадқиқот

**Таҳлили камбизоатӣ:** Тадқиқоти мазкур аз маълумоти пурра ва аяк□оякардашуда иборат аст, ки асоси ом□зиши камбизат□ дар ҳудуди кишварро ташкил медиҳад. Дар рафти тадқиқот

маълумоти кофӣ оид ба истеъмол ва хароҷот ҷамъ карда мешавад, ки дар асоси он имкони муайян кардани сатҳи тахминии некӯаҳволии хоҷагиҳои тадқиқшаванда аз рӯи маълумоти сатҳи истеъмоли инфиродӣ пайдо мегардад. Барои гурӯҳбандии хоҷагиҳо ба камбизоату ғайрикамбизоат сатҳи истеъмоли ҳар як хо□агии тадқиқшаванда бо ҳадди камбизоат□ қиёс карда мешавад, ки он дар навбати худ дар асоси ҳамаи маълумотҳои дар ин тадқиқот ба дастомада муайян карда мешавад.

**Таҳлили сиёсат:** Тадқиқоти мазкур ма□м□и васеъ оид ба масъалаҳои сиёсат, аз □умла масъалаҳои зеринро пешниҳод мекунад:

- Моделҳои истеъмол ва харо□отҳои хо□агиҳо;
- Соҳиби ашёи қиматнок будан;
- Кишоварзӣ;
- Тандурустӣ ва вазъияти истеъмоли ғизо;
- Маориф.

Тадқиқоти мазкур ҳамун тадқиқоти бисёр□ониба метавонад масъалаҳои сиёсатро ч□ дар алоҳидаг□ ва ч□ дар як□ояг□ (масалан, ч□ гуна сатҳи тайёрии таълим□ метавонад ба моделҳои истеҳсолоти кишоварз□ таъсир расонад) дида бароряд.

**Тадқиқи харо□оти ниҳоии истеъмоли хо□агиҳо:** Тадқиқоти мазкур тадқиқи мушаххаси харо□оти ниҳоии истеъмоли хо□агиҳоро, ки дар асоси маълумот дар рафти тадқиқот ба даст омадааст, пешниҳод мекунад.

## 3. ТАШКИЛИ ТАДҚИҚОТ

Тадқиқот ба тавре кор карда баромада шудааст, ки маълу4мот дар миқёси миллӣ пешниҳод гардад. Яъне, дар асоси маълумоти дар рафти тадқиқот бадастомада хулосаҳое баровардан мумкин аст, ки татбиқи онҳо нибат ба ҳамаи хоҷгиҳои То□икистон имконпазир мебошад. Ин ба шарофати татбиқ кардани усули ба таври тасодуфӣ ҷудо карда карда гирифтани хочагиҳо бо мақсади тадқиқоти минбаъдаи Шумо ва саволдиҳандагони дигар имконпазир гардид.

Дар мачмӯъ, мавриди тадқиқ қарор додани 4860 хочагӣ ба нақша гирифта шудааст. Шумо яке аз саволдиҳандагоне мебошед, ки дар миқёси тамоми чумҳурӣ барои иҷро кардани ин вазифа интихоб шудаед.. Кори Шумо аз □ониби супервайзери саҳро□

(роҳбари гур□ҳ дар маҳал), ки зери роҳбарии □ аз 3 то 4 саволдиҳанда қарор доранд, назорат карда мешавад. Вазифаи супервайзер аз он иборат аст, ки ба Шумо дар ҳалли мушкилоти дар рафти тадқиқот бавучудомада кӯмак кунад.

Тадқиқоти мазкур комплексӣ (гуногунсамт) мебошад. Ва Шумо, ҳамчун яке аз саволдиҳадагон зербинои муҳимме мебошед, ки рӯбинои онро маълумоти босифати ҷамъовардашуда, ки дар таҳлил истифода ва дар асоси он минбаъд қарорҳои муносиб қабул карда мешаванд, ташкил медиҳад.. Дар ин робита, системаи Роҳнамо барои он кор карда баромада шуд, ки ба Шумо дар дастрасӣ ба кӯмаки зарурӣ барои тадқиқи босамари хоҷагиҳо мусоидат карда шавад.

Ба сифати саволдиҳанда, вазифаи Шумо аз пур кардани саволнома дар минтақаи ба Шумо □удокардашуда иборат мебошад.. Спервайзери саҳроии бевоситаи Шумо **роҳбари тадқиқот** мебошад. Барои он, ки Шумо ҳамчун саволдиҳанда кори худро ба таври комил ичро карда тавонед, бояд роҳнамои мувофиқ дошта бошед, то ин ки ҳар вақте ки лозим шавад, ба таври о□ил к□маки зарур□ гирифта тавонед. Супервайзери саҳроӣ барои таъмини шароити кори босамари Шумо-мав□уд будани маълумоти саҳеҳ ва васоили и□рои он □авобгар мебошад. Зери роҳбарии ҳар як супервайзери саҳроӣ се ё чор саволдиҳанда кор мекунанд.

Супервайзерҳои саҳроӣ ҳамаи саволномаҳои аз ҷониби Шумо пуркардашударо аз назар мегузаронанд, то ин, ки боварӣ ҳосил кунанд, ки ягон хато роҳ наёфтааст. Супервайзерҳои саҳроӣ ҳамчунин ба сифати нозири беруна дар пурсишҳое, ки Шумо мегузаронед, иштирок мекунанд, то ин ки ба кори Шумо баҳо диҳанд.. Баъд аз супоридани саволномаҳои пуркардаи Шумо он саволномаҳое, ки то охир пур карда нашудаанд ё хато доранд, баргардонида мешаванд. Бештар аз ҳама ба Шумо лозим меояд, ки барои бартараф кардани хатогиҳо аз сари нав дар хо□агиҳо пурсиш гузаронед.. Бо дарназардошти ин, ки Кумитаи давлатии омор (ГОСКОМСТАТ) кори супервайзерҳои саҳроиро, пеш аз ҳама дар асоси маълумоти саҳеҳи саволдиҳандагони тобеъ ба ҳар як супрвайзери саҳроӣ тафтиш хоҳад кард, худро ба он омода кунед, ки саволномаҳои пуркардаи Шумо аз тафтиши □иддии супер вайзер мегузарад.

# 4. ҶУДО КАРДА ГИРИФТАНИ МУСОҲИБОН

## (a) Кӣ бояд ба рӯйхати мусоҳибон дохил карда шавад

Дар рафти тадқиқот ҳар як саволдиҳанда дар минтақаҳои пешакӣ интихобшуда кор хоҳад кард. Дар маҷмӯъ, адади ин гуна минтақаҳо ба 270 хоҳад расид. Умуман, хо□агиҳое, ки мавриди ин тадқиқот қарор мегиранд, бояд шомили ҳамаи онҳое бошад, ки ч□ дар шаҳр ва ч□ дар деҳа сокини хонаҳои хусус□ ҳастанд.

Он чӣ ки ба хоҷагиҳои интихобкардашуда тааллуқ дорад, дар бораи ҳамаи аъзоён мувофиқи модул ва дастуруламалҳои гирифташуда маълумот ҷамъ кардан лозим аст. Ба он чиз таваҷҷӯҳ кунед, ки дар бисёре аз модулҳои саволнома мусоҳибон вобаста ба сину сол ва ҷинсашон ба гурӯҳҳои муайян тақсим мешаванд. Зиёда аз ин, сардори хо□аг□, ки ба ӯ дигар аъзоёни хоҷагӣ кӯмак мекунанд,агар зарурат пеш ояд, бояд ба ҳамаи саволҳое, ки умуман ба хо□аг□ дахл доранд, ҷавоб диҳад.

## (b) Кӣ бояд ба рӯйхати мусоҳибон дохил карда нашавад

Аъзоёни хо□агиҳои зерин наметавонанд мусоҳиб бошанд.:

- Ҳамаи онҳое, ки берун аз минтақаи интихобшуда (хоҳ дар шаҳр, хоҳ дар деҳа) зиндагӣ мекунанд.
- Ҳамаи онҳое, ки як□оя, вале на дар шароити манзили хусус□, масалан маҳбасхона, беморхона ё казармаҳои низом□ зиндаг□ мекунанд.
- Аъзоёни қувваҳои мусаллаҳи То□икистон, ки дар ҳудуди ҳамин қисм қарор доранд. Агар онҳо дар биноҳои маскунии хусусии берун аз қисм зиндагӣ кунанд, дар ин сурат онҳоро ба рӯйхати оилаҳое, ки мавриди тадқиқоти мазкур қарор доранд, ворид кардан мумкин аст.
- Дипломатҳои кишварҳои дигар, намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва оилаҳои онҳо. (Вале дар назар дошта бошед, ки шаҳрвандони кишварҳои дигар, ки дипломат ё намояндаи сафорат нестанд ва дар шароити маскунии хусусӣ дар ҳудуди □умҳур□ зиндагӣ мекунанд, метавонанд ба гурӯҳи мусоҳибони тадқиқоти мазкур дохил шаванд. Чрчӯбаи тадқиқоти мазкур танҳо бо шаҳрвандони Тоҷикистон маҳдуд намешавад).
- Сайёҳони кишварҳои дигар ё ашхоси дар ҳудуди То□икистон истироҳаткунанда.

## (c) Қоидаҳои фарогирӣ

Қоидаҳои фарогирӣ асосан бо таърифи хоҷагӣ марбут мебошанд.

*Хо□аг□ ч□ одами танҳо ва ч□ гур□ҳи одамонеро, ки бо робитаи хешутабор□ пайвананд ё пайванд нестанд ва як□оя ҳамчун оилаи ягона зиндаг□ мекунанд,* ***хо□агии як□оя мебаранд****,* *(ё бо иштироки ҳиссаг□ ё аз ҳисоби бу□аи муштарак) дар назар дорад*. Таърифи стандартии хо□аг□ чуни наст: «гурӯҳи одамон, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, пули муштарак доранд ва ақаллан як бор дар як рӯз якҷоя таом мехӯран». Аксаран он касе, ки бо аъзоёни дигари хо□аг□ зиндагӣ намекунад, ҳангоми гузаронидани тадқиқот аъзои доимии он ба шумор намеравад.

Қайд кардан муҳим аст, ки аъзоёни хо□аг□ набояд ҳатман бо робитаҳои хун□ ва зануш□□ пайванд бошанд. Аз чониби дигар, на ҳамаи онҳое, ки бо робитаҳои хешутаборӣ пайванд мебошанд ё зери як бом зиндагӣ мекунанд, ҳатман аъзоёни хоҷагӣ мебошанд. Ду бародар, ки дар зери як бом зиндагӣ мекунанд ва зану фарзанд доранд, метавонанд хоҷагии муштарак дошта бошанд ё надошта бошанд. Агар хо□агии муштарак надошта бошанд, онҳоро хо□агии алоҳида ҳисобидан лозим аст.

Байни хо□аг□ ва оила фарқ гузоштан лозим аст. Аввалӣ муносибатҳои ичтимоӣ, робитаҳои хунӣ ва занушӯиро ифода мекунад. Мафҳуми дуюм бошад, барои муайян кардани иттиҳоди иқтисодӣ истифода бурда мешавад. Гарчанде ки оила ва хочагӣ аксаран ҳамон як чизро ифода мекунанд, бо вуҷуди ин на дар ҳамаи ҳолатҳо ин хел аст. Ҳангоми муайян кардани онҳое, ки ба ҳайати хоҷагии мушаххас дохил мешаванд, эҳтиёткор будан ва меъёрҳоро ба раҳбарӣ гирифтан лозим аст.

Дар робита ба оилаҳои калон, аъзоёни хочагӣ метавонанд дар ду хона ё бештар аз он зиндагӣ кунанд. Агар ҳамаи ин хонаҳо дар ҳудуди умумӣ ё наздики ҳам қарор дошта бошанд (вале ҳатман дар як минтақа) сокинони ин гунна хонаҳои алоҳидаро хочагии ягона ҳисобидан лозим аст.

*Сардори оила кассе мебошад, ки ӯро дар хоҷагӣ ҳама шахси асосӣ ҳисоб кунанд*. Одатан сардорони оила ёбандагони асосии хо□аг□ ё онҳое мебошанд, ки ҳангоми қабул кардани қарор овози ҳалкунанда доранд. Вале Шумо ҳангоми муайян кардани сардори оила аз чониби онҳо бояд раъйи худи онҳоро ба инобат гиред. Сардори хонавода эҳтимолан, бо аъзоёни дигари хочагӣ ба таври доимӣ якчоя зиндагӣ накунад. Вале ба ҳар сурат, танҳо сардори якаю ягонаи оила ву□уд дорад. Агар дар ягон хо□аг□ зиёда аз як нафар аъзои он даъвои нақши сардори оила мекунад ё раъйи аъзоёни дигари оила дар ин масъала яксон нгест, дар ин сурат мумкин аст Шумо бо ду ё зиёда хочагиҳои алоҳида, вале дар ҳеч

ҳолат на бо як хочагӣ сару кор доред. Дар ин ҳолатҳо истифодаи меъёрҳои ҳудудгузории узвияти хоҷагҳо хеле муҳим мебошад.

Баъд аз муайян кардани иттиҳоди ичтимоии хочагии муштаракдошта, ки аслан ҳамон хоҷагӣ мебошад, ба ин савол гузаштан лозим аст, ки кӣ аъзои оила мебашад ва кӣ аъзои он нест. Баъд аз номбар кардани ҳамаи аъзоёни эҳтимолии хо□аг□ (модули 1, саволи 1) барои муайян кардани он, ки к□ дар ҳақиқат аъзои он аст, дар бораи он ки муддати 12 моҳи охир ҳар як аъзои потенсиалии он дар ин хочаг□ чанд моҳ зиндаг□ кардааст, маълумот □амъ кардан лозим аст (модули 1, саволи 14). Онҳое, ки дар хочагӣ дар муддати12 моҳи охир камтар аз 6 моҳ зиндагӣ кардаанд, яъне дар муддати 12 моҳи охир бештар аз 6 моҳ ҳузур надоштанд, набояд ҳамчун аъзоёни хочагӣ ҳисобида шаванд.

Вале дар ин ҳолат ҳам якчанд истисно вучуд дорад:

- Он касро, ки дигар аъзоёни хочагӣ сардори оила мешуморанд, бо вучуди он, ки ӯ зиёда аз 11 моҳи 12 моҳи охир ҳузур надошт, бояд ҳатман ба шмори аъзоёни оила вохил карда шавад.
- Кӯдакони аз 6-моҳа хурдтар.
- Ҳамсарони нав, ки ба наздикӣ аъзои оила шудаанд ва зиндаги якчоя оғоз кардаанд.
- Аъзоёни оила, ки алҳол дар ягон муассиса чойгир шудаанд, вале чун пештара аз хочагӣ вобастаанд. Асосан ба инҳо хонандагони интернатҳо мансубанд. Аммо ба ин гурӯҳ низомиён, маҳбусон ё дигар ашхосе, ки дар масъалаи таъминот аз хочагӣ вобаста нестанд, дохил намешаванд.. Хусусан, агар онҳо замони тӯлонӣ дар хона зиндагӣ накарда бошанд.

Бояд қайд кард, ки он аъзоёни оиларо, ки бо робитаҳои хешутаборӣ пайванд нестанд, вале дар ин хочагӣ зиёда аз 6 моҳ зиндагӣ карда, зери роҳбарии сардори хочагӣ хочагидории муштарак мебаранд, ба сифати аъзоёни хочагӣ дида баромадан лозим аст. Ба ин нигоҳ накарда, хизматгорон, коргарони дигари кироя ё ичоранишинонро (онҳоеро, ки барои истиқомати худ дар хочагӣ маблағ мепардозанд) ва хочагии худро, ки сарварӣ мекунанд, доро буда ё аз он вобастаанд, ба сифати аъзоёни хочагӣ дида баромадан лозим нест.

Шумо бояд дар чунин масъалаи мураккаб чун муайян кардани он, ки киро ба рӯйхати аъзоёни хочагӣ дохил кардан лозм асту киро не, эҳтиёткор бошед. Шумо бояд маълумотро бо қоидаҳои дар ин Роҳнамо овардашуда муқоиса кунед. Ин қоидаҳо ба Шумо барои фаҳмидани ҳолатҳои гуногуне, ки бо онҳо рӯ ба рӯ хоҳед шуд, (гарчанде на

ҳамаи онҳо)  мусоидат хоҳанд кард.  Агар Шумо дар дохил кардани ин ё он одам ба шумори аъзоёни хочагии тадқиқшаванда ҳатто баъд аз муқоиса кардан шубҳа дошта бошед, масъалаи бавучудомадаро бо роҳбари саҳроии худ муҳокима кунед.

### (d) Марҳилаҳои муваққатии истинод

Саволномаҳо аз якчанд марҳилаҳои муваққатӣ иборатанд. Ҳамаи онҳо бевосита аз рӯзи гузаронидани пурсиш оғоз мешаванд. Ин марҳилаҳо иборатанд аз:

- 4 ҳафтаи охир
- 14 рӯзи охир
- 7 рӯзи охир
- 6 моҳи охир
- 12 моҳи охир

Ҳамаи ин марҳилаҳои муваққатӣ аз рӯзи гузаронидани пурсиш оғоз мешаванд. Мисол, агар пурсиш 18 сентябри соли 2007-ӯм гузаронида шавад, дар ин сурат ба 4 ҳафтаи охир марҳилаи байни 19 август ва 18 сентябр, ба 12 моҳи охир бошад, марҳилаи байни 19 сентябри соли 2006-ӯм ва 18 сентябри соли 2007-ӯм дохил мешаванд.

### (e) Навиштани маълумот дар бораи маблағ

Маълумот дар бораи маблағ дар доираи якчанд модули саволнома ғамъ карда мешавад.. Ба ҳар сурат онҳоро бе гузоштани аломатҳои китобӣ (пунктуатсия) нависед. Агар Сухан дар бораи шумораи 250 ҳазор сомонӣ равад, оддӣ карда, «250000» нависед.  Агар □авоб сифр бошад, «0» нависед. Танҳо дар сурате, ки мусоҳиб аз □авоб додан даст кашад ё гузариш ба саволи дигар бошад, катакро хол□ монед.

## 5. ПУР КАРДАНИ САВОЛНОМА

Фасли мазкур бо мақсади нишон додани роҳи баромад аз мушкилоти эҳтимолӣ дар ҳолатҳои алоҳида ҳар як модули саволномаро дида мебароядм.  Ба қайдҳои поёнӣ нақши сарманбаъ чудо карда мешавад, ки дар сурати пайдо шудани ягон масъалаи марбут ба кадом модул ё саволи худи саволнома набошад,   ба онҳо истинод кардан лозим аст.

## (a) Андозакунии саволнома

Саволнома чунон тартиб дода шудааст, ки одами онро пур мекардагӣ ҳангоми пур кардани он бо ҳадди ақали мушкилот рӯ ба рӯ шавад.. Вале ба ҳамаи ихтирокориҳои ороишӣ нигоҳ накарда, он хеле мураккаб шуд.  Барои бо он аз наздик шинос шудан,ҳангоме ки ба гузаронидани тадқиқоти бевоситаи саҳрои омодагӣ гирифта мешавад, кӯшиш кунед, ки саволнома чӣ гунна тартиб дода шуда буд ва онро чӣ гунна пур кардан лозим аст.. Рамзҳои зиёди хеле гуногунро, ки дар саволнома истифода мешаванд,  ба назар гирифта, интизор нашавед, ки саволномаҳо дар чизе ба ҳам монандӣ пайдо мекунанд.

Саволнома дар андозаи уфуқӣ тартиб дода шудааст. Маълумот дар бораи ҳар як аъзои хоагӣ дар ҳамон як хати ҳар модул, ки дар доираи он маълумот дар бораи ҳамаи аъзоёни хочагӣ чамъ карда мешаванд, қайд мегардад. Ин хеле қоидаи муҳим мебошад, ки риояи он ҳангоми пур кардани саволнома зарур аст. Ба ҳар як аъзои хо□аг□ вобаста ба он, ки барои □ кадом хат чудо шудааст,  дар модули 1 рамзи инфиродди ихтисос дода мешавад.Ҳар як аъзои хочаг□ дар ҳамаи модулҳо дар ҳамон як хат зери ҳамон як рамз қайд карда мешавад. Барои он, ки Шумо саҳв накунед, аз дарун дар саҳифаи қафои саволнома замиаи махсуси кушодаву п□шондашаванда часпонида шудааст.. Дар инсаҳифа чадвале вучуд дорад, ки Шумо ба он бояд ном, сину сол ва чинси ҳар як аъзои хо□агиро дохил кунед**.** 15 хати ин чадвал ба 15 хати ҳар як модул, ки дар онҳо маълумот дар бораи ҳар як аъзои хочагӣ қайд карда мешавад,    мувофиқ мебошад. Ҳангоми кушодани саҳифаи замимашуда хатҳои чадвал бо хатҳои модули саволнома мувофиқат мекунанд.



**Список членов домохозяйства вклеен, как вкладыш к задней обложке вопросника.**

Ба Шумо ҳамчунин истифодаи намудҳои гуногуни ҳуруф дар саволнома кӯмак хоҳад кард. Чадвали дар поёновардашуда истифодаи кадом ҳуруф дар кадом ҳолатро баён мекунад. Мисолҳои дар чадваловардашуда бо ҳуруфи мазкур чоп шудаанд.

| Ҳуруф | Маъно | Мисол |
|---|---|---|
| Ҳуруфи хурд | Саволҳое, ки пурсанда бояд ба мусоҳиб калима ба калима хонад. | Соли таваллуд .[НОМ]..?<br>Шумо дар ҳамин шаҳр/ноҳия таваллуд шудаед? |
| Ҳуруфи калон | Дастуруламалҳо барои саволдиҳанда, ки ба пур кардани саволнома ё ба таври дуруст гузоштани саволи мушаххас мусоидат мекунад. Саволҳое, ки чавоб ба онҳо натичаи мушоҳидаҳои худи саволдиҳанда мебошанд ва инчунин бо ҳамин ҳуруф чоп шудаанд | ТАНҲО БА АЪЗОЁНИ ХОЧАГИИ 15-СОЛА ВА АЗ ОН БОЛОТАР ТААЛЛУҚ ДОРАД.<br><br>АГАР НАДОНАД, “99” НАВИСЕД. |
| Ҳуруфи омехтаи чӣ калон ва чӣ хурд, ки бо курсив чоп шудааст | Дастуруламалҳо барои саволдиҳанда, ки ба пур кардани саволнома ё ба таври дуруст гузоштани саволи мушаххас мусоидат мекунад. | *Дар бораи ҳамаи намудҳои фаъолияти меҳнатии 12 моҳи охир ичрошаванда пурсида шавад, гаранде ки алҳол бо онҳо машғул нест ва дар сутунҳои 2 ва 3 навишта шавад.* |
| Ҳуруфи омехта бо ҳарфҳои калону хурди тарзи Arial | Саволҳое, ки саволдиҳанда калима ба калима мехонад ва дар айни замон унсурҳои махсусро, ки саволдиҳанда вобаста ба чавобҳои пештар гирифтааш ё маълумоти дигари ба саволдиҳанда маълум, бояд дохил кунад. Ин гуна унсурҳо бо ҳарфҳои калон чоп шудаанд. | Корфармои Шумо дар чои кори мазкур…<br>(ҲАМАИ ЧАВОБҲО ХОНДА ШАВАД) |

| Ҳуруф | Маъно | Мисол |
|---|---|---|
| Ҳуруфи калон | Рамзҳо бо партофтани саволҳои муайян. Дастуруламалҳо барои саволдиҳанда оид ба он, ки вобаста ба чавоби гирифта ба саволи додашуда ё мусоҳиби мушаххас,кадом саволро баъдан додан лозим аст. Одатан чунин рамзҳо бо ин гуна аломатҳо ► ҳамроҳ меоянд. | ► (8.05)<br>► БА ШАХСИ ДИГАР ГУЗАРЕД<br>► ҚИСМИ Б-1 |

Дигар хел карда гӯем, чизҳои бо ҳуруфи майда чопшуда бояд ба мусоҳиб хонда шавад . Он чӣ ки бо ҳуруфи калон чоп шудааст, ба мусоҳиб хонда намешавад, вале ба сифати дастуруламал ё рамз ба саволдиҳанда хизмат мекунад.

[...] – Шумо бо ин аломат хусусан, дар модули истеъмол ва харочот хеле зиёд рӯ ба рӯ мешавед. Бештар аз ҳама ин маънии онро дорад, ки Шумо бояд дар савол маънои номи хатро дохил кунед.

(b) Пур кардани саволнома

Пеш аз шурӯъ кардан ба чараёни тадқиқоти хочагии интихобшуда, Шумо бояд боварӣ ҳосил кунед, ки ба ин кор омода мебошед, яъне Шумо ба кор мутобиқ шудаед, аллакай медонед, ки пурсишро чӣ гуна оғоз кардан лозим аст, Шумо ақаллан ду ручкаи (шариковий) ва ду бланки саволнома барои ҳар як хочагии тадқиқшаванда доред, Шумо медонед, ки хоҷагиҳои дадқиқшаванда дар куҷо ҷойгир шудаанд ва ба Шумо рамзҳои шифрҳои рамзии онҳо маълум аст.

Ба пурсиш оғоз намуда, ин чизро ба назар гирифтан лозим аст, ки Шумо барои ҳар як шахси алоҳида ҳамзамон танҳо як саволнома пур мекунед.. Ба таъбири дигар, агар Шумо ба ҳамаи саволҳои як модули ба як шахси мушаххас марбут авоб дода бошед, баъдан Шумо ба пур кардани модули дигари марбут ба аъзои худи ҳамин хочаг шуръ мекунед .

Яъне Шумо пеш аз он, ки ба модули дигар гузаред, ба Шумо лозим намешавад, ки ҳамаи саволномаро барои пур кардани танҳо як модул, ки ба ҳамаи аъзоёни хочагӣ дахл дорад, аз назар гузаронед.. Чунин усул танҳо ба ин маъно аст, ки аксари аъзоёни хочаги вақти худро беҳуда сарф мекунанд. Ва агар таваччӯҳ ба аъзои муайяни хочаг мутамаркиз шавад, дар ин сурат  хеле зуд озод шуда, ба корҳои хочагидории худ машғул мегардад. Албатта, чунин

усули пур кардани саволнома метавонад боиси он гардад, ки барои ҳар як аъзои хочагӣ вақти вохӯрӣ муайян карда шавад, ки эҳтимолан якчанд рӯзро мегирад..

Ягона истисно-маълумоти шахсӣ дар саҳифаи якӯм ва модули 1 мебошад. Маълумоти модул пеш аз гузаштан ба саволҳои дигар бояд ба пуррагӣ пур карда шаванд. Саволнома тавре тартиб дода шудааст, ки қисми якӯми он шомили модулҳое мебошад, ки ба онҳо бояд аксари аъзоёни хочагӣ чавоб диҳанд. Ҳол он, ки барои пур кардани модулҳои дигар ба сифати мусоҳиб асосан сардорони хочаги ва аъзёни калонсоли интихобшудаи хочагӣ лозиманд.

□араёни пур кардани саволнома ба андозаи зарур□ махф□ мебошад. Баъзе саволҳо хусусияти шахсӣ ва ҳатто махфӣ доранд. Хоҳиши мусоҳибонро дар бораи махфият эҳтиром кардан лозим аст. Ин хусусан ҳангоми бардоштани масъала оид ба вазъи саломатӣ муҳим мебошад.

Ҳеч кас ба ғайр аз супервайзери саҳроии Шумо ё намояндаи гурӯҳ, ки дар пурсиш иштирок мекунад, бевосита ҳангоми пурсиш бояд ҳузур надошта бошад. Агар ба ғайр аз Шумо ҳангоми пурсиш боз ягон каси дигар аз гурӯҳи Шумо иштирок кунад, ба Шумо лозим аст, ки ӯро ба мусоҳиб муаррифӣ кунед ва сабаби иштирокашро фаҳмонед. Дар бисёр мавридҳо, сабаби якчоя иштирок кардани аъзоёни дигари гурӯҳ дар пурсиш метавонад назорат аз болои сифати кори Шумо бошад, дар ҳоле, ки онҳо ба чавобҳои мусоҳиб ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин чавобҳо тавоноии аз ӯҳдаи кори худатон баромадани Шуморо нишон медиҳад, аз ҳама чиз камтар мароқ зоҳир мекунанд.

Ҳангоми гузаронидани пурсиш ягон каси дигар, ки ба пурсиши мазкур ё хочагӣ дахл надорад, бояд иштирок накунад. Агар ягон кас аз қабили ин ашхос ҳангоми оғози пурсиш ҳузур дошта бошад, аз ӯ ба хотири эҳтиром ба ҳаёти шахсии хочагии тадқиқшаванда эҳтиромона хоҳиш кунед, ки биноро тарк кунад.. Агар дар ин лаҳза онҳо рафта натавонанд, ба Шумо лозим аст, ки вохӯриро ба мӯҳлати дертар, вақте, ки барои риояи махфият ҳамаи шароитҳо ба вучвуд меоянд, мавқуф гузоред.

Саволҳо ба ҳамаи аъзоёни хочагӣ аз сини 10-сола ва боло аз он дода мешаванд. Саволҳо бояд ба ҳар як аъзои хочагии аз сини 10-сола ва болотар аз он шахсан дода шаванд. Агар ба Шумо дар бораи кӯдакони хурдсол маълумот чамъ кардан лозим ояд, Шумо бояд онҳоро дар ҳузури модар ё парастор пурсед. Барои гирифтани маълумот бевосита аз

кӯдакони хурдсол  кӯшиш накунед. Ба ғайр аз ин, ба кӯдакони хурдсол дар бораи аъзоёни дигари хочагӣ савол надиҳед.

Ва умуман, агар Шумо ҳангоми пур кардани як ва ҳатто якчанд модул бо агон ҳолати мураккаб ё ғайримаъмулӣ рӯ ба рӯ шавед ва боварӣ надошта бошед, ки чӣ чора андешед, ҳамаи тафсилотро бевосита дар саҳифаи саволнома нависед. Барои ин дар қисми болоии саволнома □ои коф□ мавчуд аст. Аллакай баъди тарк кардани хочагии тадқиқшаванда Шумо метавонед аз ҳуччати мазкур истифода кунед. Агар Шумо дар ин Раҳнамо чавоб ёфта натавонед, ба Шумо лозим аст, ки ин саволро ҳар чӣ зудтар бо роҳбари худ муҳокимка кунед.

## (c) Алоқа бо мусоҳибон

Аз ҳама муҳим ин аст, ки Шумо дар навбати аввал бояд ба мусоҳибон эҳтиром зоҳир кунед. Шумо дар муносибат ба мусоҳибони аъзои хочагӣ бояд боадабу батоқат бошед. Баландихтисос бошед ва ба худ таҳқир, дағалӣ ва пеш гузоштани ягон талаботро ичозат надиҳед. Чунон рафтор кунед, ки дар мусоҳиб эҳтором нисбат ба Шумов ва хоҳиши ҳамкорӣ кардан пайдо шавад. Кори Шумо он вақт бештар маъқул мешавад, ки Шумо ба ҳамаи атрофиён муносибати боадабона ва дӯстона дошта бошед.

Ба чавоб додан ба кадом саволе, ки мусоҳибон дар бораи мақсади пурсишатон надиҳанд, омода бошед.

Чараёни пурсиш вақти зиёд мегирад. Албатта ин як навъ санчиши сабру тоқати Шумо ва мусоҳибон хоҳад буд. Вале ба ҳеч чиз нигоҳ накарда, аз доираи қоидаҳои одоб берун шудан лозим нест. Агар лозим бошад, метавонед пурсиши аъзоёни хочагиро ба якчанд пурсишҳои начандон калон тақсим кунед. Бо вучуди ин, пурсиши ҳамаи аъзоёни хочагиро ҳадди аксар дар муддати ду ё се рӯз ба охир расонидан лозим аст.

Пеш аз оғози пурсиш маълум кардан лозим аст, ки оё мусоҳиб дар як-ду соати наздик ягон вохӯрии дигар надорад. Агар вақти мусоҳиб то вохӯрӣ бо ягон кас барои пур кардани якчанд модул  кофӣ бошад, кӯшиш кунед, ки дар ин фосилаи замонӣ кори бештарро анчом диҳед.. Пеш аз он, ки мусоҳиб Шуморо тарк кунад, бо ӯ дар бораи вохӯрии оянда, ки ташкил кардани он баъди як ё ду рӯз мумкин аст, маслиҳат кунед, то ин ки кори сар кардаатонро ба анчом расонед.

Зиёда аз ин, Шумо бояд кӯшиш кунед, ки  чунин тарзи гузаронидани пурсишро риоя намоед, ки тавассути он ҳамаи маълумоти зарурииро аз шахси мушаххас дар

кӯтоҳтарин муддат ҷамъ кардан имконпазир гардад. Охир Шумо намехоҳед, ки бо такрори саволҳое, ки мусоҳиб ба андешаи худаш аллакай пурра ҷавоб додаст, косаи сабри ӯро лабрез кунед.

Дар рафти пурсиш, агар равшан гардад, ки мусоҳиб ҳаамаи саволҳои Шуморо фаҳмидааст, ҳамаи ҷавобҳоро чӣ хеле ки набошанд, қабул кардан лозим аст. Саволҳои ёридиҳандаро барои боварӣ пайдо кардан, ки мусоҳиб моҳияти саволи додашударо фаҳмидааст, додан мумкин аст. Бо вуҷукди ин, ҷавоби мусоҳибро пешгӯӣ кардан ё ба ин чиз роҳ додан, ки Шумо вазъияти шахси мушаххаси хоҷагиро аз худи мусоҳиб хубтар медонед, лозим нест. Вазифаи саволдиҳанда аз муайян кардани ҳақиқӣ будани маълумоти бадастомада иборат нест. Таҳлилгарони ин тадқиқот дар ҳақиқӣ будани ҷавобҳои мусоҳиб манфиатдор мебошанд. Пурра имкон дорад, уи мусоҳиб ба Шумо дурӯғ мегӯяд ё маълумоти дурӯғ медиҳад, вале шумо танҳо ҳамчун саволдиҳанда набояд дар бораи маълумоти бадастомади ягон хулоса бароред. Ин кор дар салоҳияти таҳлилгар аст, на дар салоҳияти саволдиҳанда.

Албатта истисно ҳам вуҷуд дорад. Вақте ки мусоҳиб исрор мекунад, ки ӯ ҳеҷ гуна чорво надорад ва дар айни замон мурғҳо дар назди пойҳои Шумо дон хӯрда истодаанд ё ким-чӣ хел бузҳо дар масофаи начандон дур баста шудаанд, дар бораи ин ҳайвонот маълумот гирифтан лозим аст. Вале ба ҳар сурат, баъд аз гирифтани баъзе маълумот мусоҳибро исроркорона мавриди пурсуҷӯ қарор додан лозим нест. Дар кадом ҳолате ки набошад, маълумотеро, ки ба хоҷагӣ дахл надорад, ҷамъ кардан лозим нест. Ин берун аз доираи вазифаҳои Шумо мебошад.

Дар ниҳояти кор, ҳангоми пур кардани саволнома бояд савол дар бораи «дуруст» ё «нодуруст» будани ҷавоб пайдо нашавад. Саволнома аз забони аъзоёни хоҷагӣ пур карда мешавад, зеро дар назар дошта мешавад, ки ҳеҷ кас аз онҳо хубтар ба саволҳое, ки ба шароити зиндагии онҳо дахл дорад, ҷавоб дода наметавонад.

Дар робита ба он саволдиҳандагоне, ки дар муносибат ба мусоҳибон бо такаббур ва беэҳтиромона рафтор мекунанд, ё кӯшиш мекунанд, ҷавобҳои онҳоро ба таври худ шарҳ диҳанд, чораҳои интизомӣ андешида мешаванд.

Ба саволҳои аз қабили «ҷавоб нест» рамзҳо кор карда баромада нашудаанд.Рамзҳои мазкури гузариш ба саволи дигар махсусан барои он кор карда баромада шудаанд, ки ин гуна саволҳо

ҳатто дода нашаванд.. Катакчаҳо дар сурати партофта гузаштани ягон савол ё чаҳиш ба саволи дигар бояд пур накарда боқ monанд.

Дар ҳолате, ки мусоҳиб аз чавоб додан ба ягон савол даст мекашад, ба саволдиҳанда лозим аст, ки боз як бори дигар муҳим будан ва махфияти тадқиқотро хотиррасон кунад. Ба ҳамаи саволҳои додашуда чавоб гирифтан хеле муҳим мебошад.

Баъзан, мусоҳибон метавонанд моҳияти саволҳои доддашударо нафаҳманд ё нодуруст фаҳманд. Дар ин ҳолатҳо саволдиҳанда бояд бо таъкид кардани он калимаҳо ё қисмҳои савол, ки мусоҳиб дар оғоз нафаҳмида буд, саволро аз сари нав хонад. Агар дар савол истилоҳ ё консепсияе, ки ба мусоҳиб номафҳум аст, вучуд дошта бошад, дар ин сурат саволдиҳанда набояд ба шарҳу эзоҳ пардозад. Мусоҳиб бояд ба кдри фаҳмиши савол чавоб диҳад.

Баъзан, барои ба мақсад расидан ба саволдиҳанда лозим меояд, ки мусоҳибро ба чавоб, шарҳи муфассалтар моил кунад ё то андозае чавоби ибтидоии худро тағйир диҳад. Вазифаи саволдиҳанда метавонад дар ин чиз ифода ёбад: аз якчанд варианти чавобҳои додашуда яктояшро интихоб каврдан, дар шакли рақам ё ба таври даҳонакӣ чавоб додан.

Вақте талаб карда мешавад, ки мусоҳиб аз якчанд чавоб яктоашро чудо кунад ва ӯ ин корро накарда бошад, вазифаи саволдиҳанда аз он иборат аст, ки ба ӯ фаҳмонад, ки худи интихоби яке аз чавобҳо чавоби савол мебошад (тренинги мусоҳиб) ва аз сари нав рӯйхати вариантҳои пешниҳодшавандаро хонад. Яке аз хатоҳо дар ин ҳолат аз он иборат аст, ки саволдиҳанда метавонад ба чои мусоҳиб чавобро худаш интихоб кунад (дар натича чавоби «начандон хуб» метаваонад аз чониби саволдиҳанда ҳамчун «миёна» тасниф карда шавад). Хатои дигар аз он иборат аст, ки на ҳамаи вариантҳо ҳангоми хониши дуюм хонда мешаванд

Дар ҳолате, ки чавоби рақамӣ лозим шавад ва он гирифта нашудааст, беҳтарин роҳ такрори савол мебошад. Дар ин сурат, аз ҳама кори осон гузариш ба савлоҳои ёридиҳанда мебошад, яъне гузоштани саволҳое, ки чавобҳои «ҳа» ё «не»-ро талаб мекунанд, инчунин пешниҳод кардани чавобҳои таёр ва ба ин восита истисно кардани чавоби дигари эҳтимолӣ. Ба саволдиҳанда лозим аст кӯшиш ба харч диҳад, ки мусоҳибро омӯзонад, муҳиммияти аз чониби худи мусоҳиб интихоб кардани чавобро фаҳмонад ва баъд аз он саволро аз сари нав хонад.

Агар мусоҳиб «Намедонам» чавоб диҳад, вазифаи аввалиндарачаи саволдиҳанда аз он иборат аст, ки барои муайян кардани сабаби масъала кӯшиш кунад.

- Агар калимаҳои «Намедонам» чавоби аниқ, бомулоҳизаро ба савол ифода кунад, саволдиҳанда чавоби бадастомадаро қайд мекунад ва ба саволи дигар мегузарад.

- Агар ин кӯшиши пеш аз чавоб кашол додани вақт бошад, дар ин сурат саволдиҳанда барои фикр кардан як вақти муайян медиҳад. Шояд, ба саволдиҳанда лозим меояд, ки саволро такрор кунад, то ин ки ба мусоҳиб барои дар бораи он фикр кардан кӯмак кунад.
- Агар мусоҳиб дар бораи савол фикр накарда бошад, ба саволдиҳанда лозим меояд, ки хусусан бо таъкиди ин, ки танҳо ӯ метавонад маълумоти лозимиро пешниҳод кунад, ба ӯ дар ин бобат кӯмак кунад. Баъд аз ин саволро аз сари нав хонад.
- Агар мусоҳиб ба сифат ё дурустии чавоб боварӣ надошта бошад, саволдиҳанда бояд ӯро бовар кунонад. Чавобҳои дуруст ё нодуруст ву□уд надоранд; саволҳои тартибдодашуда ба он равона шудаанд, ки раъю эҳсосоти бевоситаи одамон ба даст оянд. Тахминҳои шахсии мусоҳиб аз он беҳтар аст, ки умуман ягон маълумот вучуд надошта бошад. Баъд аз ин саволдиҳанда саволро аз сари нав мехонад.
- Ё ин ки ба саволдиҳанда лозим аст, ки бо хоҳиши гуфтугӯ ба он кас мурочиат кунад, ки маълумот дорад.

## (d) Модулҳои инфиродӣ

Қисми боқимондаи ин боб ба шарҳи модулҳои инфиродӣ, ки ин саволномаро ташкил медиҳанд ва ба саволҳои махсуси ин модулҳо бахшида шудааст. Диққати Шуморо ба он чиз чалб мекунем, ки на ба ҳамаи саволҳое, ки пайдо шуданашон мумкин аст, дахл карда мешавад.

<u>Саҳифаи унвон: Маълумот анкетии аъзоёни хочагӣ, маълумот дар бораи саволдиҳанда</u>

МУСОҲИБ: Не, бояд саволдиҳанда пур кунад

- Барои таҳлили минбаъда аниқ нишон додани мавзеи хо□агии тадқиқшаванда хеле муҳим аст. Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки маълумотро дар бораи ҳукумат, чамоат….? , ки дар хочагӣ чойгир шудааст, бо қайд кардани чӣ номҳо ва чӣ рамзҳои қабулшуда дохил кунед. Рамзи қабулшудаи локатсиониро гузоред. Рақами хочагиро аз рӯйхате, ки гурӯҳи лоиҳавӣ пешниҳод мекунад, дарёфт карда метавонед. Рақами гузошташуда дар муддати тамоми тадқиқот бетағйир мемонад. Ба ин чиз, ки номи худро ҳамчун саволдиҳанда ва инчунин рамзи идентификатсиониро навиштаед, итминон ҳосил кунед. Супервайзери саҳроии Шумо ном ва рамзи идентификатсионии худро худаш менависад. Аммо оператори маълумотро дохилкунанда номи худ ва рамзи идентификатсиониро дохил хоҳад кард.
- Рамзҳои идентификатсионии ҳамаи ноҳияҳоро дар замимаи саҳифаи 55, дар охири Роҳнамои мазкур ёфтан мумкин аст. Рамзҳои пешниҳодкардашуда танҳо барои ноҳияҳои тадқиқшаванда мебошанд.
- Маълумоти чуғрофиёӣ ба монанди баландӣ аз сатҳи баҳр, тӯлу арз ба супервайзери саҳроӣ аз чониби гурӯҳи GPS, ки ба тими Шумо вобаста карда шудааст, пешниҳод карда мешаванд. . Андоза кардан аз дари даромади ҳар як хочагӣ, ки дар доираи тадқиқоти мазкур тадқиқ карда мешавад, сурат мегирад. Маълумотеро, ки GPS барои биноҳои хусусии истиқоматӣ медиҳад, аз худи дари даромадгоҳ андоза

карда мешавад.

- Дар ҳар як саволнома барои дохил кардани 15 аъзои хочагӣ чои кофӣ вучуд дорад. Агар шумораи аъзоёни хочагӣ аз 15 зиёд бошад, ба шумо лозим меояд, аз бланки изофии саволнома истифода баред. Таваччӯҳ кунед, ки дар чунин ҳолатҳо дар саҳифаи унвони саволнома, дар гӯшаи рости поёнӣ шумораи умумии саволномаеро, ки Шумо пур мекунед, қайд кардан лозим аст.
- Катакча барои маълумот дар бораи шумораи умумии аъзоёни хочагӣ, ки дар гӯшаи чапи болоии саҳифаи унвон воқеъ шудааст, танҳо баъд аз анчоми пурсиш пур карда мешавад.
- Таърихи бо аъзоёни хочагӣ гузаронидани вохӯрии аввалинро қайд кунед. Қайдкуниро аз рӯи тартиби зерин анчом диҳед рӯз/моҳ/сол. Солро ба пуррагӣ нишон диҳед (яъне ҳамаи чор рақамро).
- Вақти оғози пурсишро нависед. Барои ҳар як нишондиҳанда ададӣ дурақамаро истифода бурда, соат ва дақиқаро нишон диҳед. Масалан, 08:30, 15:15, 20:45.
- Вақти анчоми пурсишро нависед. Барои ҳар як нишондиҳанда ададӣ дурақамаро истифодла бурда, соат ва дақиқаро нишон диҳед. Масалан, 08:30, 15:15, 20:45.
- Дар катакчаи даркорӣ номи сардори хочагиро нависед.

<u>Модул 1: Рӯйхати аъзоёни хочагӣ</u>

МУСОҲИБ: Сардори хочагӣ

Маълумотдиҳандаи бевосита: Сардори хочагӣ

Мувофиқи ин модул мусоҳиби аз ҳама муносиб бояд сардори хочагӣ бошад, албатта дар сурате, ки ӯ дар он ҳангом дар хочагӣ ҳузур дошта бошад. Дар сурати ҳузур надоштани ӯ хуб мебуд, ки ба саволҳои аз 1 то 5 ягон кас аз аъзоёни калонсоли хочагӣ чавоб диҳад.

Рӯйхати аъзоёни хочагӣ онҳоеро, ки ба ҳайати он дохил мешаванд, муайян мекунад. Ҳамаи аъзоёни имконпазири хочагӣ дар саволи 1 модули мазкур номбар карда мешаванд. Баъзе саволҳои асосӣ, ки ба ин модул дахл доранд, пештар дар саҳифаҳои аввали ин Роҳнамо дида баромада шуда буданд. Агар Шумо муайян кардан хоҳед, ки киро аъзои хочагӣ ҳисобидан мумкин аст ва киро не, аз саҳифаи 1 сар карда, ба шарҳҳо мурочиат кунед. Дар сурате, ки кӯдаки ноболиғ ҳамчун сардори оила нишон дода шуда бошад, саволдиҳанда бо дигар аъзоёни оила маслиҳат карда, бояд сардори оиларо аз байни калонсолон интихоб кунад.

- Шумо бояд, ки пеш аз гузаштан ба дигар саволҳои ин модул, ба саволҳои 1 то 5 чавоб гиред. Саволҳои ёридиҳанда диҳед, то ин ки дар асоси маълумоти бадастомада рӯйхати пурраи онҳоеро, ки одатан дар ин хочагӣ якчоя зиндагӣ мекунанд ва ҳамон хӯрокро тановул мекунад, тартиб диҳед. Ба Шумо лозим аст, ки рӯйхати ҳар чӣ

пурраи онҳоеро, ки якчоя зиндагӣ мекунанд, тартиб диҳед, то ин ки ҳангоми минбаъд пур кардани саволнома ба ҳамаи саволҳои гузошташуда чавоб гирифта тавонед.

- Дар навбати аввал дар хати якӯм сардори оиларо нависед (рамзи ID 1). Баъд аз ин дар рӯйхат ҳамсари сардори оила ва фарзандони ӯ ( агар фарзанд дошта бошад) меоянд, баъд аз он хешон ва рӯйхат бо оваПрдани номи онҳое, ки бо сардори оила робитаҳои хешу таборӣ надоранд, тамом мешавад.

Номи аъзоёни хочагиро қайд намуда, итминон ҳосил кунед, ки ҳама сар ба сар номбар шудаанд. Агар ду аъзои хочагӣ номи якхела дошта бошанд, маълум кунед, ки оё онҳо ягон лақаб доранд ё не, то ин ки ба ин восита онҳоро аз якдигар ба осонӣ фарқ кардан имконпазир гардад.

Шумо бояд бо додани саволи 2 дар бораи чинси ҳар як аъзои хочагӣ маълумот гиред. Номи шахси алоҳидаро танҳо дар асоси ном муайян накунед.

- Саволи 3. Сину сол, шумораи солҳои пурра. Танҳо шумораи солҳои пурраро нишон диҳед. Мисол: Агар пурсиш 14 октябри соли 2007-ӯм гузаронида шавад, дар ин сурат аъзои хочагӣ, ки 13 октябри соли 1991 таваллуд шудааст, 16-сола ҳисоб мешавад. Агар ӯ 15 октябри соли 1991 таваллуд шуда бошад, пас солҳои пурра танҳо 15 мебошад. Агар ҳангоми гузаронидани пурсиш кӯдак аз яксола хурд бошад, дар сутуни сину сол «0» нишон диҳед.

- Саволи 4. Дар бораи таърихи таваллуди ашхоси 6-сола ва аз он поён маълумоти пурра талаб карда мешавад. Дар робита ба кӯдакон 6-сола ва аз он поён хоҳиш кунед, ки шаҳодатномаи таваллуд ё ягон ҳуччати соли таваллудро тасдиққунанда пешниҳод карда шавад. Агар рӯзу моҳи таваллуд маълум набошад, бо «99» қайд кунед.. Агар рӯзу моҳи таваллуд маълум набошад, кӯшиш кунед, ки ақаллан соли тавллудро фаҳмида гиред. Агар соли таваллуд ҳам маълум набошад, бо «9999» тқайд кунед. Ҳангоми қайд кардани сол ҳамаи 4 рақамро нависед, масалан 2002, 2006. Онҳоеро, ки то соли 2001 таваллуд шудаанд, дохил накунед.

- Саволи 5. Робитаи хешутаборӣ бо сардори оила бо дарачаи хешутабории шахси алоиҳда бо ӯ муайян мегардад. Чӣ тавре ки пештар қайд карда шуд, ин гуна муносибатҳо ҳатман бо робитаҳои хешутаборӣ муайян намешаванд.
    - Итминон пайдо кунед, ки рӯйхати пурраи ашхосеро, ки бо хочагии тадқиқшаванда якчоя зиндагӣ мекунанд, тартиб додаед. Шояд баъзеи онҳо аз чониби сардори оила ҳамчун аъзоёни хочагӣ шинохта намешаванд, гарчанде ки мувофиқи таърифҳои мо ба онҳо тааллуқ доранд.
